**Суратҷаласаи №12-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ)

аз 15.04.2025

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

15 апрели соли 2025, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” (Дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон) барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои филологӣ, сарходими шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров – **Охониёзов Варқа Дустович** мебошад.

Муқарризони расмӣ:

1. **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** - доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

2. **Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Юсуфов У., Мақсудов Б., Назарзода С. ва Раҳмонов Р. ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, сарходими шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров – **Охониёзов Варқа Дустович** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни хулосаи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ – **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** - доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Раҳмонов Р., Давлатбеков Л., Қурбонзода Р. ва Ҳакимов А. ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ сухан карда,

диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктoрони илмҳои филологӣ Раҳмонов Р., Назарзода С. ва Мақсудов Б. интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар узви шуро 14 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 15.04.2025** **ш. Душанбе**

Гузориши **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” (Дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ), хулосаи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, гузориши муқарризони расмӣ – **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** - доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, **Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот”-и

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Раҳмонов Р., Давлатбеков Л., Қурбонзода Р. ва Ҳакимов Аскарро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” (Дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

15.04.2025